Китоби Муқаддас барои кӯдакон

# Дониёл ва хоби пурасрор



Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Jonathan Hay
Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: Mary-Anne S.

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2022 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.

Шоҳ Набукаднесар хобе дида буд, ки вайро хеле ба ташвиш овард.  Бо қудрати Худо, Дониёл тавонист, ки маънои онро ба шоҳ гуфта диҳад.





Кори аввале ки Дониёл кард, ин буд, ки вай хобро айнан нақл карда дод: “Эй шоҳ, ту сурати ҳайкали бузургеро дидӣ, ки шакли он ҳайратовар буд.”

“Сари ҳайкал тиллой буд” — давом дод Дониёл.



“Қафаси сина
ва дастҳояш аз
нуқра буд.”



“Шикам ва ронҳояш мисин буд.”



“Соқҳои пой аз оҳан, пойҳояш қисман аз оҳан ва қисман аз гил буд”.



Пас аз тасвир намудани ҳайкал ба шоҳ, Дониёл боқимондаи хобро низ гуфта дод.



Ӯ гуфт: “Ту дидӣ, ки
бе расидани даст,
санге канда шуд.”



“Он санг пойҳои оҳанин ва гилини ҳайкалро зада, онро пора-пора кард.”



“Сипас ҳайкал гард-гард шуд ва бод онро гирифта бурд” — бозистод Дониёл. “Он санг ба кӯҳи бузурге табдил ёфта, заминро пур кард”.



Шоҳ ба ҳайрат омада буд.  Ин айнан ҳамон чизе ки дар хобаш дида буд!  Чӣ хел онро Дониёл медонист?  Он ки Худо онро ба Дониёл гуфта буд.  Баъд Дониёл ба шоҳ Набукаднесар гуфт, ки маънои хоб чӣ аст.



“Худои осмон ба ту салтанат, қудрат, тавоной ва бузургӣ додааст. Ту он сари тиллой ҳастӣ” — гуфт Дониёл ба шоҳ.



Дониёл ба шоҳ гуфт, ки шоҳигарии тиллоии вай ба охир мерасад.  Қисми нуқрагини ҳайкал маъно дорад, ки шоҳигарии камқувваттар ҷойи онро мегирад. Мис шоҳигарии дигарро дар назар дорад ва оҳану гил барои шоҳигарии чорум мебошанд.



Сухани охироне ки Дониёл ба шоҳ гуфт, чунин буд: “Худои осмон шоҳигарие барпо хоҳад кард, ки он ҳаргиз нест намешавад”.



Шоҳ иқрор шуд, ки танҳо Худо метавонист ба Дониёл ҳикмат диҳад, то хоби вайро донаду фаҳмад.  Набукаднесар Дониёлро бо сарват сарфароз гардонид ва ӯро дар мамлакат шахси хеле муҳим таъйин кард.





Шоҳигарии
1, 2, ва 3
омада
рафтанд.

Шоҳигарии
Худо пас аз
шоҳигарии 4
меояд.

Масеҳ дар
рӯйи замин
ҳукмронӣ
хоҳад
кард ва
ин метавонад,
ки ба зудӣ ба
амал ояд.

# Дониёл ва хоби пурасрор

Ҳикоя аз Каломи Худо

Дониёл 2

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”. Забур 119:130

# Хотима

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16